**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Барномаи таълими фанни ТАБИАТШИНОСӢ (олами атрофи мо)

## дар синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Душанбе - 2017

Барномаи таълими фанни **табиатшиносӣ (*олами атрофи мо)*** дар синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2017, 24 саҳ.

Мураттибон: **Қодиров Набӣ**
**Исоев Комилшо**
**Абдуллоев Ибодулло**
**Сайфиддин Давлатзода**

## САРСУХАН

Бо назардошти ислоҳоте, ки дар соҳаи маориф ҷараён дорад, бахусус гузариш ба низоми таҳсилоти босалоҳият, инчунин пешрафти замона, ба вуҷуд омадани илмҳои ҷудогона, тағйирёбии шароити маданию сиёсӣ ва иқтисодии мардуми ҷумҳурӣ барои боз ҳам самаранок гардидани сохтори таълиму тарбияи насли наврас зарурати таҳияи барномаҳои нави таълимӣ ба миён меояд. Айни замон азнавсозии мазмуни таҳсилот (таҳияи стандарту барномаҳои фаннӣ, китобҳои дарсӣ) идома дошта, дар ин замина стандартҳои нави фаннӣ, барномаҳои муосири таълимӣ ва китобҳои насли нав таълиф шуда истодаанд. Афзалияти барномаву китобҳои дарсии мазкур дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон зуҳур ёфта, тибқи он дар баробари донишҳои назариявӣ маҳорату малакаи хонандагон низ бояд рушд ёбад.

Барномаи таълими фанни табиатшиносӣ барои синфи 3 бо назардошти низоми таҳсилоти босалоҳият ва бо мақсади тарбияи ҳаматарафаи шахсияти хонанда таҳия шуда, оид ба дар ташаккули он ҳисса гузоштани табиат маълумот медиҳад.

Ҳангоми таҳия намудани барнома ба қоидаҳои асосии (принсипҳои) аз сода ба мураккаб, илмию дастрас будани маводи таълимӣ, кишваршиносӣ ва муносибати интерактивӣ бештар такя карда шудааст.

Донишҳои фанни табиатшиносӣ барои дарк ва дарёфти ҳодисаҳо, таҳлилу хулосаи онҳо дар асоси ҷаҳонбинии илмӣ зарур мебошанд.

## I. КОНСЕПСИЯИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ заминаи устувори минбаъдаи омӯзиш буда, асоси ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол мебошад. Хонандагон дар ин давра натанҳо хондан, навиштан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, балки бо ҳодисаву воқеаҳои табиӣ шинос шуда, роҳҳои беҳдошти муҳити зистро азхуд мекунанд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ шиносоиро бо ҷузъиёти табиат ва мафҳумҳои табиӣ аз синфи 1-ум оғоз менамоянд ва то синфи 4 ин донишу малакаҳоро сайқал дода, барои омӯзиши муфассали он ҳамчун фанҳои алоҳида дар синфҳои болоӣ замина мегузоранд.

**Омӯзиши фанни табиатшиносӣ тавассути маводи таълиму тарбиявӣ бояд ба:**

- дарки табиат, ҳодисаҳои табиӣ ва муҳити атроф, ягонагии муносибати одаму олам, муассирии он, эҳсоси ҷудонопазирии якдигар, дарки воқеият;
- идроки муносибати ғамхорона ба табиат ва бойигариҳои он;
- фароҳам овардани имкониятҳо баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ;
- ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ тавассути шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ **мусоидат намояд.**

## II. МАҚСАДИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ

### Мақсадҳои умумӣ

Саҳми фанни табиатшиносиро дар ташаккули инсон, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи табиат ба эътибор гирифта, мақсадҳои умумии онро дар шакли зайл баён кардан мумкин аст:

- ✓ фаро гирифтани донишҳои табиатшиносӣ, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон татбиқ мегарданд ва барои омӯзиши фанҳои дигар мусоидат мекунанд;
- ✓ инкишофи шавқу ҳавас барои донистани ҳодисаю воқеаҳои табиат ва дарки олами атроф;
- ✓ ташаккули малакаю маҳорати дарки олам ва мавридҳои истифодаи он дар ҳаёти воқеӣ;
- ✓ доштани муҳаббат нисбат ба табиат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, экологӣ ва дар ин замина тарбия намудани ҳисси масъулиятшиносӣ ва муносибати эҳтиёткорона бо олами атроф;
- ✓ дар замнаи донишҳои ибтидоӣ оид ба табиат ва ҷамъият баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинӣ ва муносибати хонандагон.

### Мақсадҳои мушаххас:

- диққат додан ва муқоисаи ҳодисаю воқеаҳои табиӣ;
- ба таври шифоҳӣ баён намудани маводи омӯхташуда;
- фаҳмонида тавонистани мақсади худ;
- иҷрои машғулиятҳои амалӣ;
- тасвири объекту ҳодисаҳои табиӣ;
- ҷудо кардани фаҳмишҳои асосии маводи табиатшиносӣ;
- фарқ кардани як унсур ё ҳодисаи табиӣ аз дигараш;
- тасаввур карда тавонистани ҳодисаю воқеаҳои табиӣ;

- дарк кардан ва масъулиятшиносӣ нисбат ба вазъи экологии табиат ва маҳалли зист;
- ба нақша гирифта тавонистани сатҳи муайяни маҳал;
- шавқманд будан ба донишандӯзӣ ва татбиқи донишҳои азхудкарда оид ба табиат дар ҳаёт;
- бошуур ва фаъол будан ба кори таълим.

## III. МАЗМУНУ МУНДАРИЧА

| т/р | Мавзӯи машғулиятҳо | Мазмун | Талабот ба дониш, малака ва маҳорат<br>*Бо омӯзиши мавзӯъ хонанда метавонад:* |
|---|---|---|---|
| НИМСОЛАИ 1 | | | |
| **Боби 1. Тоҷикистони офтобрӯя – Ватани мо** | | | |
| 1. | Табиати Тоҷикистон | Тоҷикистон ватани мо. Васфи табиати Тоҷикистон. Бойигариҳои табиати Тоҷикистон. Ҳифз намудани табиати Тоҷикистон. | • табиати зебо, сарватҳои табиӣ ва бойигариҳои Тоҷикистонро тавсиф кунад;<br>• хусусияти обҳои шифобахши кишварро шарҳ диҳад;<br>• ҳифз ва оқилона истифода бурдани табиати Тоҷикистонро вазифаи ҳар як фарди кишвар донад. |
| 2. | Душанбе – пойтахти давлати мо | Душанбе – пойтахти Тоҷикистон. Мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Душанбе дар Тоҷикистон. Пайдоиш ва таърихи шаҳри Душанбе. Душанбеи қадима ва ҳозира – фарқият. Ҷойҳои тамошобоби шаҳри Душанбе. Маркази маданӣ ва маърифатӣ будани шаҳри Душанбе. | • Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон будани шаҳри Душанберо донад;<br>• оид ба таърихи Душанбе маълумоти мухтасар диҳад;<br>• ҷойҳои тамошобоб ва фахри миллиро дар Душанбе гӯяд;<br>• оид ба маркази маъмурӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва саноатӣ будани Душанбе маълумот диҳад;<br>• шаҳри Душанберо аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳад. |
| 3. | Вилоятҳои Тоҷикистон. Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ | Тақсимоти маъмурии Тоҷикистон – вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ. Хусусият ва мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо. | • вилоятҳои Тоҷикистон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказро номбар кунад;<br>• мавқеи ҷойгиршавии онҳоро фаҳмонад;<br>• хусусияти ҳар як вилоятро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Мо дар кадом вилоят зиндагӣ мекунем? Вилоятҳои Тоҷикистон дар харита. | шарҳ диҳад;<br>• номи вилоятеро, ки худ дар он зиндагӣ мекунад гӯяд;<br>• вилоятҳоро аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳад. |
| 4. | Шуғли асосии аҳолии кишвари мо | Мардуми Тоҷикистон– халқи меҳнатдӯст. Деҳқонӣ – шуғли қадимаи мардуми тоҷик. Шуғли асосии мардуми кишвар мо дар замони муосир. Маҳсулоти дастранҷи мардуми Тоҷикистон. | • хусусияти аз қадим меҳнатдӯст будани мардуми тоҷикро шарҳ диҳад;<br>• оид ба шуғли асосии мардуми тоҷик маълумот диҳад;<br>• аз дастранҷи мардуми Тоҷикистон намунаҳои мушаххас орад;<br>• саҳми мардуми кишварро дар пешрафти Тоҷикистон қайд кунад;<br>• оид ба шуғли дӯстдоштаи худ иншои хурд нависад. |
| 5. | Давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кадом кишварҳо ба давлати мо ҳамсояанд? Онҳо дар кадом тарафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд? Хусусияти давлатҳои ҳамсояи кишвари мо. Давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар харита. | • давлатҳои ҳамсоя (ҳамсарҳад)-и Тоҷикистонро номбар кунад;<br>• ҷойгиршавии онҳоро (мувофиқи тарафҳои уфуқ) фаҳмонад;<br>• хусусиятҳои хоси кишварҳои ҳамсояро шарҳ диҳад;<br>• ҳамсоя (ҳамсарҳад)-ҳои Тоҷикистонро аз харита нишон диҳад ва онҳоро дар харитаи тарҳӣ ранг кунад. |
| **Боби 2. Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда** | | | |
| 6. | Ашёи табиӣ ва таркиби онҳо | Ашёи табиӣ. Гуногунии ашёи табиӣ.<br>Мафҳумҳои ҷисм ва модда.<br>Фарқи ҷисмҳои табиӣ ва ҷисмҳои сунъӣ (бо дасти инсон сохташуда).<br>Ҷисмҳои зинда ва ғайризинда. Аҳамияти ҷисмҳои зинда ва ғайризинда барои одамон. | • мафҳуми «ҷисм»-ро фаҳмонад;<br>• ҷисмҳоро ба гурӯҳҳо: табиӣ, сунъӣ, зинда ва ғайризинда ҷудо кунад;<br>• оид ба ҳар навъи ҷисмҳо аз табиат мисолҳо орад;<br>• мафҳуми «модда»-ро шарҳ диҳад;<br>• аз рӯйи нақша ашёи табииро мувофиқи навъҳо гурӯҳбандӣ кунад;<br>• аҳамияти ҷисмҳои зинда ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ғайризиндаро барои одам фаҳмонанд. |
| 7. | Ҷинсҳои кӯҳӣ | Ҷинсҳои кӯҳӣ.<br>Гуногунии ҷинсҳои кӯҳӣ аз рӯйи хусусиятҳо.<br>Фарқи ҷинсҳои кӯҳии сахт аз ҷинсҳои кӯҳии нарм.<br>Аҳамияти ҷинсҳои кӯҳӣ барои одамон. | • оид ба ҷинсҳои кӯҳӣ матнро хонда, онро ба гурӯҳҳо ҷудо кунад;<br>• хусусияти баъзеи онҳоро шарҳ диҳад;<br>• оид ба мафҳумҳои маъдан (минерал), шпати даштӣ, квартс, оҳаксанг, хоросанг, ангиштсанг, кварсит, қум, рег, гил, торф, абрак ва ғайра маълумоти ибтидоӣ диҳад;<br>• нақшаро дар дафтараш кашида, дар он ҷинсҳои кӯҳиро гурӯҳбандӣ кунад;<br>• аҳамияти баъзе ҷинсҳои кӯҳиро барои инсон фаҳмонад. |
| 8. | Хок чист? | Хок ва хусусиятҳои он.<br>Фарқи санг аз хок.<br>Коркарди хок.<br>Аҳамияти хок барои одамон – кишоварзӣ, корҳои сохтмонӣ, парвариши зироатҳои ороишӣ ва ғайра.<br>Хокҳои маҳалли зисти худ ва истифодаи онҳо. | • оид ба тарзи ҳосил шудани хок маълумот дода тавонад;<br>• қабатҳои хокро аз рӯйи нақша нишон диҳад;<br>• сабаби ҳосилхез ва беҳосил будани хокро фаҳмонад;<br>• тарзи ҳосилхез кардани заминро бо мисолҳо шарҳ диҳад;<br>• таҷриба гузаронида, таркиб ва хусусиятҳои хокро муайян кунад. |
| 9. | Чаро сатҳи Замин дар ҳама ҷо якхела нест? | Сатҳи Замин.<br>Гуногунии сатҳи Замин - ҳамворӣ, ҷарӣ, тепа, кӯҳ.<br>Релеф чист? Унсурҳои ташкилкунандаи релеф. | • мафҳуми релефро шарҳ диҳад;<br>• шаклҳои асосии релефро номбар кунад;<br>• хусусияти ҳар як шакли релефро фаҳмонад;<br>• аз рӯйи хусусиятҳо шаклҳои релефро аз ҳам фарқ кунад;<br>• аз диаграмма истифода бурда, теппа ва кӯҳро муқоиса кунад. |
| 10. | Гардиши об дар табиат | Аҳамияти об дар табиат.<br>Гардиши об дар табиат. | • нақши обро барои табиат ва мавҷудоти зинда фаҳмонад;<br>• қувваҳоеро, ки обро дар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Гардиши хурд ва калони об.<br>Аҳамияти об дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон. | табиат ба ба гардиш медароранд, таҳлил кунад;<br>• хусусияти баамалоии гардиши хурд ва калони обро шарҳ диҳад;<br>• раванди баамалоии гардиши обро аз рӯйи нақша нишон диҳад;<br>• аҳамияти гардиши обро фаҳмонад. |
| 11. | Обҳои хушкӣ | Обҳои зеризаминӣ.<br>Пайдоиши чашма.<br>Дарё. Аҳамияти дарёҳо барои табиат ва ҳаёти инсон.<br>Кӯл.<br>Обанбор.<br>Кори об.<br>Шаршара. | • хусусияти обҳои зеризаминиро шарҳ диҳад;<br>• пайдошавии оби чашмаро донад;<br>• қисмҳои дарёро номбар кунад ва аз рӯйи нақша нишон диҳад;<br>• хусусияти кӯл ва обанборҳоро гӯяд;<br>• аз рӯйи хусусиятҳо дарёро аз кӯл фарқ кунад;<br>• аҳамияти обҳои зеризаминӣ, дарё ва кӯлҳоро фаҳмонад. |
| 12. | Ҳаво, таркиб ва хосиятҳои он | Ҳаво. Аҳамияти ҳаво.<br>Хосият ва таркиби ҳаво.<br>Атмосфера.<br>Гази оксиген.<br>Гази карбонат.<br>Омехтаҳои таркиби ҳаво.<br>Кори амалӣ – муайян кардани миқдори газҳои таркиби атмосфера. | • мафҳуми атмосфераро шарҳ диҳад;<br>• хусусияти паҳншавии ҳаворо дар табиат фаҳмонад;<br>• газҳо ва омехтаҳои таркиби ҳаворо номбар кунад;<br>• хосиятҳои ҳаворо гӯяд;<br>• аҳамияти ҳаворо барои табиат шарҳ диҳад;<br>• оид ба мазмуни мавзӯъ кори амалиро иҷро кунад. |
| 13. | Бод (ҳаво) ва пайдоиши он | Ҳодисаҳои табиӣ.<br>Гармии ҳаво.<br>Сардии ҳаво. Ҳарорати ҳаво-рӯзона ва шабона.<br>Ҳаракати ҳаво – бод.<br>Самти вазиши бод.<br>Тӯфон ва гирдбодҳои даврзананда. | • сабаби барфпӯш будани қуллаи кӯҳҳои баландро гӯяд;<br>• сабаби кадом вақт дар болои об ва кадом вақт дар болои хушкӣ гарм будани ҳаворо шарҳ диҳад;<br>• вақти аз баҳр ба хушкӣ ва аз хушкӣ ба баҳр вазидани ҳаворо гӯяд;<br>• мафҳумҳои «бод» ва «тӯфон»-ро шарҳ диҳад; |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | • бодҳои безарар ва харобиоварро аз ҳам фарқ кунад. |
| 14. | Абр ва боришот чӣ гуна пайдо мешаванд? | Абрҳои осмонӣ. Пайдоиши абр ва туман. Намудҳои боришот – борон, барф, жола. Пайдоиши боришот. Фоида ва зарари боришоти атмосферӣ ба хоҷагии халқ. | • тарзи пайдо шудани туман ва абрро фаҳмонад; • намудҳои боришотро номбар кунад; • ҷараёни пайдоиши боришотро фаҳмонад; • дар бораи зарари жола ба хоҷагии халқ маълумот диҳад; • фикрҳои худро бо истифодаи воситаҳои навишторӣ нишон диҳад. |
| 15. | Обуҳавосанҷӣ ва аҳамияти он | Илми обуҳавосанҷӣ. Истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ. Пешгӯйии обу ҳаво. Нақши телевизиону радио ва рӯзномаҳо дар пешгуйии обу ҳаво. Саҳми дастгоҳҳои обуҳавосанҷии кайҳонӣ. | • соҳаи илми обуҳавосанҷиро шарҳ диҳад; • зарурати пешгӯйии обу ҳаворо гӯяд; • оид ба истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ маълумот диҳад; • баъзе асбобҳои истгоҳи обуҳавосанҷиро номбар карда, принсипи кори онҳоро фаҳмонад; • тарзи пешгӯйии обу ҳаворо тавассути радифҳои Замин шарҳ диҳад; • обу ҳавои маҳалли худро мушоҳида карда, натиҷаи онро қайд намояд. |
| **Боби 3. Ашё ва ҳодисаҳои табиати зинда** | | | |
| 16. | Олами зинда | Шарҳи мафҳумҳои «Муҳити атроф» ва «Олами зинда». Ашё ва ҳодисаҳои муҳити атроф. Хусусияти олами зинда. Қисмҳои олами зинда – микроорганизмҳо, занбӯруғ, наботот ва ҳайвонот. | • мафҳумҳои «Муҳити атроф» ва «Олами зинда»-ро шарҳ диҳад; • ашё ва ҳодисаҳои муҳити атрофро номбар ва ба гурӯҳҳо ҷудо кунад; • хусусияти олами зиндаро аз рӯйи фаҳмиши худ фаҳмонад; • расми яке аз намояндагони мавҷудоти зиндаро тасвир кунад; • оид ба ягон намояндаи мавҷудоти зинда иншои хурд (эссе) нависад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 17. | Занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо | Занбӯруғ ва микроорганизмҳо – мавҷудоти зинда. Тарзи ҳаёти занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо. Паҳншавии онҳо. Аҳамияти занбӯруғ ва микроорганизмҳо барои табиат ва ҳаёти инсон. | • баъзе намудҳои занбӯруғ ва микроорганизмҳоро номбар кунад;<br>• хусусиятҳои ҳаётии онҳоро шарҳ диҳад;<br>• оид ба паҳншавии ин навъҳои мавҷудоти зинда маълумот диҳад;<br>• аҳамияти занбӯруғ ва микроорганизмҳоро гӯяд;<br>• ҳангоми баёни фикр аз воситаҳои тасвирӣ истифода барад. |
| НИМСОЛАИ 2 | | | |
| 18. | Гуногунии олами наботот | Омилҳои муҳити зист барои рушди рустанӣ – рӯшноӣ, гармӣ, намӣ. Таъсири омилҳои атроф ба наботот. Мутобиқати рустаниҳо ба муҳити зист. | • омилҳои муҳитро, ки ба гуногунии наботот таъсир мекунанд, номбар кунад;<br>• аҳамияти рӯшноӣ, гармӣ ва намиро ба инкишофи наботот қайд кунад;<br>• хусусияти ба муҳити зист мутобиқ шудани набототро шарҳ диҳад;<br>• маҳалли зисташонро таҳқиқ карда, таъсири омилҳои гуногуни табииро ба афзоиши наботот гӯяд. |
| 19. | Гуногунии олами ҳайвонот | Ҳайвонот – мавҷудоти зинда.<br>Таъсири омилҳои муҳит ба гуногунии ҳайвонот. Мутобиқати ҳайвонот ба шароити зист. Гурӯҳбандии ҳайвонот вобаста ба мутобиқат. | • шароити мувофиқро барои ҳаёти ҳайвоноти гуногун номбар кунад;<br>• вобастагии ҳайвонот ба муҳити зист ва хусусияти мутобиқати онҳоро шарҳ диҳад;<br>• ҳайвоноти гуногунро вобаста ба мутобиқаташон ба гурӯҳҳо ҷудо кунад;<br>• оид ба яке аз ҳайвони маҳалли зисти худ ё атрофи он маъмулотномаи хурд таҳия кунад. |
| 20. | Занҷири ғизо дар табиат | Ғизогирии организмҳо. Силсила (занҷир)-и ғизо – ҳамдигарро ба сифати хӯрок истеъмол кардани организмҳои зинда. | • зарурати ғизо гирифтани организмҳоро гӯяд;<br>• дар бораи ҳамдигарро ба сифати ғизо истифода бурдани мавҷудоти зинда маълумот |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Занҷири сода ва мураккаби ғизо. Зинаҳо дар занҷири ғизо. Мисолҳои силсилаи ғизо дар табиат. | диҳад;<br>• Занҷири ғизоро ба таври сода ва мураккаб аз рӯйи расм фаҳмонад;<br>• зинаҳои занҷири ғизоро бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ нишон диҳад;<br>• ҳангоми баёни фикр аз расму тасвирҳо ва воситаҳои навиштории истифода барад. |
| 21. | Гардиши моддаҳо дар табиат | Ҷараёни гардиши моддаҳо дар табиат. Организмҳои итеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва вайронкунанда. Нақши рустаниҳо дар гардиши моддаҳо. Аҳамияти гардиши моддаҳо дар табиат. | • организмҳоеро, ки дар гардиши моддаҳо иштирок мекунанд номбар кунад;<br>• хусусияти организмҳои истеҳсолкунандаро шарҳ диҳад;<br>• хусусияти организмҳои истеъмолкунандаро фаҳмонад;<br>• оид ба организмҳои вайронкунанда маълумот диҳад;<br>• нақши рустаниҳоро дар гардиши моддаҳо нишон диҳад;<br>• аҳамияти гардиши модда (ҳаёт)-ро барои табиат фаҳмонад. |
| 22. | Ҳифзи муҳити зист | Экология – илм дар бораи ҳифзи муҳити зист. Ифлосшавии табиат ва сабабҳои он. Оқибатҳои ифлосшавии табиат. Беҳдошти вазъи экологии табиат. Вазъи экологии маҳалли зисти худ ва мактаб. Саҳми хонандагон дар беҳдошти вазъи экологии маҳалли зисти худ. | • мафҳуми экологияро шарҳ диҳад;<br>• сабабҳои ифлос шудани табиатро гӯяд;<br>• оқибатҳои ин ифлосшавиро барои табиат ва саломатии одам фаҳмонад;<br>• ҳолати партовгоҳҳои мактаб ва маҳалли зисти худро мушоҳида кунад ва хулосаи зарурӣ барорад;<br>• ҳиссаи хонандагонро дар беҳдошти вазъи экологии маҳалли зист нишон диҳад. |
| 23. | Наботот ва ҳайвоноти нодир | Китоби Сурх. Мақсади ташкили Китоби Сурх. Наботот ва ҳайвоноти ба Китоби Сурх дохилшуда. Мамнуъгоҳ | • моҳияти Китоби Сурхро бо суханони худ шарҳ диҳад;<br>• баъзе наботот ва ҳайвоноти ба Китоби Сурх дохилшударо номбар кунад; |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ва мақсади ташкили он. Фаъолиятҳое, ки дар мамнуъгоҳ манъ карда шудааст. | • бо овардани мисоли мушаххас муносибати нодурусти инсонро, ки боиси аз байн рафтани наботот ва ҳайвонот гаштааст, нишон диҳад;<br>• аҳамияти мамнуъгоҳро дар ҳифзи олами зинда шарҳ диҳад;<br>• оид ба ҳифзи наботот ва ҳайвоноти маҳалли зисти худ ба таври хаттӣ маълумот диҳад. |
| **Боби 4. Узвҳои бадани одам ва ҳифзи саломатӣ** | | | |
| 24. | Сохти бадани одам. Пӯст | Сохти бадани одам. Узвҳо. Системаи узвҳо ва вазифаҳои онҳо. Пӯст. Нақши пӯст барои организми одам. Қоидаҳои гигиенӣ ва нигоҳубини пӯст. | • хусусияти умумии сохти бадани одамро фаҳмонад;<br>• узвҳои берунӣ ва дохилии бадани одамро аз рӯйи расм ҷудо карда тавонад;<br>• мафҳумҳои «узв» ва «системаи узвҳо»-ро шарҳ диҳад;<br>• вазифаҳои пӯстро ҳамчун воситаи ҳифзи организми одам шарҳ диҳад;<br>• қоидаҳои гигиенӣ-санитарии пӯстро гӯяд ва дар ҳаёт риоя кунад. |
| 25. | Системаи асаб ва узвҳои ҳис | Сохти системаи асаб. Мағзи сар ва ҳароммағз. Вазифаҳои системаи асаб. Аъзои ҳис –сомеа (шунавоӣ), босира (биноӣ), шомма (бӯйфаҳмӣ), зоиқа (маззафаҳмӣ) ва ломиса (ламскунӣ). Аҳамияти аъзои ҳис ва гигиенаи онҳо. | • узвҳои системаи асабро номбар кунад;<br>• аҳамияти мағзи сар ва ҳароммағзро барои организми инсон гӯяд;<br>• аз рӯйи расм ва дигар воситаҳои аёнӣ (макетҳо) ҷойи ҷойгиршавии мағзи сар ва ҳароммағзро нишон диҳад;<br>• аҳамияти аъзои ҳисро фаҳмонад;<br>• роҳҳои муҳофизати аъзои ҳисро аз таъсироти зарарноки атроф нишон диҳад. |
| 26. | Скелет ва мушакҳои одам | Скелет – такягоҳи одам. Қисмҳои скелет – косахонаи сар, сутунмухра, қабурғаҳо | • мафҳуми скелетро шарҳ диҳад;<br>• қисмҳои асосии скелети одамро номбар кунад; |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ва устухонҳои дасту пой. Мушакҳои бадани одам. Вазифаи мушакҳо.<br>Аҳамияти скелету мушакҳо. Варзиши бадан – сабабгори инкишофи дурусти скелету мушакҳо. | • вазифаҳои скелет ва мушакҳоро гӯяд;<br>• аҳамияти варзиши баданро барои инкишофи дурусти скелету мушакҳо шарҳ диҳад;<br>• ба варзиши бадан машғул шавад. |
| 27. | Узвҳои гардиши хун ва ихроҷ | Дил.<br>Рагҳои хунгард. Набз.<br>Ҳисоб кардани набз.<br>Системаи гардиши хун.<br>Гурдаҳо ва вазифаи онҳо.<br>Шакли гурдаҳо.<br>Системаи ихроҷ. | • вазифаи дилро барои организми инсон гӯяд;<br>• узвҳои системаи гардиши хунро номбар кунад;<br>• набзи худро ҳисоб карда тавонад;<br>• сохт ва вазифаҳои гурдаро шарҳ диҳад;<br>• узвҳое, ки системаи ихроҷро ташкил медиҳанд, номбар кунад;<br>• хангоми баёни фикр аз расму тасвирҳо ва воситаҳои навиштори истифода барад. |
| 28. | Узвҳои нафаскашӣ | Нафаскашӣ ва аҳамияти он.<br>Узвҳои нафаскашӣ.<br>Таркиби ҳавое, ки мо нафас мегирем.<br>Аз оксиген бой шудани хун дар шуш. Аҳамияти бо бинӣ нафас гирифтан. Аҳамияти тоза намудани ҳавои хона ва кабудизоркунии муҳити атроф. | • узвҳои нафаскашии одамро номбар кунад;<br>• оид ба таркиби ҳавое, ки мо нафас мекашем, маълумот диҳад;<br>• аз рӯйи тасвир самти ҷорӣ шудани хунеро, ки дар шуш аз оксиген бой шудааст, нишон диҳад;<br>• аҳамияти бо бинӣ нафас гирифтанро фаҳмонад;<br>• зарурати тоза нигоҳ доштани ҳавои дохили хона ё синфро шарҳ диҳад;<br>• аҳамияти кабудизоркунии шаҳру деҳотро дар тоза намудани ҳаво шарҳ диҳад. |
| 29. | Узвҳои ҳозима | Хӯроки солим. Меваю сабзавот – манбаи ғизои солим.<br>Узвҳои ҳозима. | • таркиби хӯроки солимро номбар кунад;<br>• ҳаракати хӯрокро дар узвҳои ҳозима (системаи ҳозима) шарҳ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҳаракати хӯрок дар канали ҳозима.<br>Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ.<br>Дандонатро эҳтиёт кун! Тарзи дурусти тоза намудани дандонҳо ва нигоҳубини онҳо. | диҳад;<br>• қоидаҳои хӯрокхӯриро номбар кунад;<br>• аҳамияти дандонро дар ҳазми хӯрок фаҳмонад;<br>• эҳтиёт кардани дандонҳо ва тарзи нигоҳубини онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳад ва дар амал татбиқ намояд. |
| 30. | Тарзи ҳаёти солим | Тарзи ҳаёти солим.<br>Аҳамияти истеъмоли ғизои тоза.<br>Обутоби бадан, варзиш, ва аҳамияти онҳо барои саломатии одам.<br>Низоми дурусти меҳнат ва истироҳат. Одатҳои бад ва зарари онҳо ба саломатии инсон.<br>Таҳкими тарзи ҳаёти солим. | • фаҳмиши «Тарзи ҳаёти солим»-ро шарҳ диҳад;<br>• аҳамияти истеъмоли ғизои тоза, обутоби бадан, варзиши бадан ва тарки одатҳои бадро дар таҳкими тарзи ҳаёти солим фаҳмонад;<br>• хусусияти риояи низоми дурусти меҳнат ва истироҳатро барои одам шарҳ диҳад;<br>• дар ҳаёт ба қоидаҳои тарзи ҳаёти солим риоя кунад. |
| **Боби 5. Бехатарии ҳаёт** | | | |
| 31. | Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шав! | Омилҳои таҳдидкунанда ба саломатии инсон – оташ, об, барқ ва газ.<br>Хатари аз онҳо ба амалоянда.<br>Роҳҳои ҳифз аз оташ, об, барқ ва газ.<br>Хизматрасониҳои дахлдор оид ба садамаҳои сӯхтор, об, барқ ва газ. | • сабаби хатарнок будани оташ, об, газ ва барқро донад ва фаҳмонида тавонад;<br>• роҳҳои бехатари муносибат бо онҳоро гӯяд;<br>• ҳангоми сар задани яке аз ин хатарҳо ба хизматрасониҳои дахлдор занг занад;<br>• оид ба тарзи дурусти муносибат бо яке аз ин хатарҳо иншои хурд (эссе) нависад. |
| 32. | Эҳтиёт дар роҳҳои мошингард | Ҳаётатро зери хавф нагузор.<br>Аломатҳои бехатарии роҳ – аломати пиёдагузар, чароғаки роҳнамо, роҳи зеризаминӣ ва аломатҳои манъкунанда.<br>Маълумоти нишондоди | • қоидаҳои ҳаракати роҳро номбар кунад;<br>• мазмуни баъзе аломатҳои бехатарии роҳро шарҳ диҳад;<br>• мазмуни се қоидаи асосии бехатарии пиёдагардро фаҳмонад;<br>• расми аломатҳои бехатарии роҳро тасвир намояд;<br>• ҳангоми савор шудан ба |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | чароғаки роҳнамо.<br>Риояи қоидаҳои бехатарӣ дар нақлиёти мусофирбар. | нақлиёти мусофирбар ба қоидаҳои одоб ва бехатарӣ риоя кунад. |
| 33. | Ҷойҳои хатарнок | Кадом ҷойҳо барои бачаҳо хатарнок буда метавонанд?<br>Назди тиреза, мавзеъҳои сохтмон, ҷойҳои камодам, болои бом ва атрофи трансформатори барқ – ҳамчун ҷойҳои хатарнок.<br>Қоидаҳои рафтори дуруст дар ҷойҳои хатарнок. | • мавзеъҳои барои бачаҳо хатарнокро номбар кунад;<br>• бо мисолҳои ҳаётӣ тарзи дурусти рафторро дар ин ё он ҳолати хатарнок шарҳ диҳад;<br>• дар вақти мавҷуд будан дар чунин ҷойҳо қоидаҳои бехатариро риоя кунад;<br>• ба дӯстон ва рафиқони худ оид ба ҳифзи ҳаёт маслиҳат диҳад. |
| 34. | Нақшаҳои мо барои таътили тобистона | Мо дар таътил ба чӣ кор машғул мешавем?<br>Фаъолиятҳои омӯзишӣ ва фароғатӣ дар таътили тобистона.<br>Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми таътили тобистона. | • мавзеи гузаронидани таътили тобистонаро номбар кунад;<br>• фаъолиятҳои таълимӣ ва фароғатии худро ҳангоми таътил шарҳ диҳад;<br>• рафторҳои дурусти хонандаро дар таътил мефаҳмонад;<br>• ҳангоми таътил ба қоидаҳои бехатарӣ риоя мекунад;<br>• корҳои худро барои таътили тобистона банақша мегирад. |

## IV. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

Намунаи нақшаи тақвимӣ

| Р/т | Мавзӯъҳо | Миқдори соат | Муддати иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| НИМСОЛАИ 1 (17 соат) | | | | |
| ***Боби 1. Тоҷикистони офтобрӯя – Ватани мо (5 соат)*** | | | | |
| 1. | Табиати Тоҷикистон | 1 | | |
| 2. | Душанбе – пойтахти давлати мо | 1 | | |
| 3. | Вилоятҳои Тоҷикистон.<br>Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ | 1 | | |
| 4. | Шуғли асосии аҳолии кишвари мо | 1 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. | Давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 | | |
| ***Боби 2. Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда (10 соат)*** | | | | |
| 6. | Ашёи табиӣ ва таркиби онҳо | 1 | | |
| 7. | Ҷинсҳои кӯҳӣ | 1 | | |
| 8. | Хок чист? | 1 | | |
| 9. | Чаро сатҳи Замин дар ҳама ҷо якхела нест? | 1 | | |
| 10. | Гардиши об дар табиат | 1 | | |
| 11. | Обҳои хушкӣ | 1 | | |
| 12. | Ҳаво, таркиб ва хосиятҳои он | 1 | | |
| 13. | Бод (ҳаво) ва пайдоиши он | 1 | | |
| 14. | Абр ва боришот чӣ гуна пайдо мешаванд? | 1 | | |
| 15. | Обуҳавосанҷӣ ва аҳамияти он | 1 | | |
| ***Боби 3. Ашё ва ҳодисаҳои табиати зинда (8 соат)*** | | | | |
| 16. | Олами зинда | 1 | | |
| 17. | Занбӯруғҳо ва микроорганизмҳо | 1 | | |
| НИМСОЛАИ 2 (17 соат) | | | | |
| 18. | Гуногунии олами наботот | 1 | | |
| 19. | Гуногунии олами ҳайвонот | 1 | | |
| 20. | Занҷири ғизо дар табиат | 1 | | |
| 21. | Гардиши моддаҳо дар табиат | 1 | | |
| 22. | Ҳифзи муҳити зист | 1 | | |
| 23. | Наботот ва ҳайвоноти нодир | 1 | | |
| ***Боби 4. Узвҳои бадани одам ва ҳифзи саломатӣ (7 соат)*** | | | | |
| 24. | Сохти бадани одам. Пӯст | 1 | | |
| 25. | Системаи асаб ва узвҳои ҳис | 1 | | |
| 26. | Скелет ва мушакҳои одам | 1 | | |
| 27. | Узвҳои гардиши хун ва ихроҷ | 1 | | |
| 28. | Узвҳои нафаскашӣ | 1 | | |
| 29. | Узвҳои ҳозима | 1 | | |
| 30. | Тарзи ҳаёти солим | 1 | | |
| ***Боби 5. Бехатарии ҳаёт (4 соат)*** | | | | |
| 31. | Аз оташ, об, газ ва барқ эҳтиёт шав! | 1 | | |
| 32. | Эҳтиёт дар роҳҳои мошингард | 1 | | |
| 33. | Ҷойҳои хатарнок | 1 | | |
| 34. | Нақшаҳои мо барои таътили тобистона | 1 | | |

## НАМУНАИ БАНАҚШАГИРИИ ДАРСИ ЯКСОАТА

### БОБИ 2. «Ашё ва ҳодисаҳои табиати ғайризинда»
### Мавзӯи 9. Чаро сатҳи Замин дар ҳама ҷо якхела нест?

**Мақсадҳои умумӣ.** Инкишофи дониши хонанандагон оид ба хусусиятҳои релефи маҳал. Ташаккули малакаҳои мушоҳида, муқоиса, таҳлил ва хулосабарорӣ, кор бо маълумот ва воситаҳои навишторӣ дар хонандагон.

**Натиҷаҳои таълим (мақсадҳои мушаххас).** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон метавонанд:
- мафҳуми релефро шарҳ диҳанд;
- шаклҳои асосии релефро номбар кунанд;
- хусусияти ҳар як шакли релефро фаҳмонанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо шаклҳои релефро аз ҳам фарқ кунанд;
- аз диаграмма истифода бурда, теппа ва кӯҳро муқоиса кунанд.

**Лавозимот.** Овезаҳо бо расму тасвирҳои шаклҳои гуногуни релеф, коғазу қалам, китоби дарсӣ, коғази калон бо тасвири диаграммаи Венн ва нақшаи сатҳи Замин, тестҳо.

**Методҳои таълим.** Масъалагузорӣ, пурсишу посух, кор бо мафҳумҳо ва расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва тестҳо, лексияи хурд, суҳбат, кори гурӯҳӣ.

### РАВИШИ ДАРС:

***Қадами*** ***1.***Масъалагузорӣ, ба хотир овардани донишҳои пешинаи хонандагон **- 5 дақиқа.**

⇒ Бо саволҳои зер ба хонандагон муроҷиат карда мешавад:
- *Оё шумо кӯҳ ва теппаро дидаед?*
- *Онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?*
- *Оид ба ҳамвориҳо чӣ гуфта метавонед?*

***Қадами*** ***2.***Шиносоӣ бо шаклҳои релеф. Суҳбат. Истифодаи нақша - **10 дақиқа.**

⇒ Аз нақшаи зер истифода бурда, оид ба шаклҳои релеф ба хонандагон маълумот дода мешавад:




***Қадами*** ***3.***Кори гурӯҳӣ бо истифодаи диаграммаи Венн.
Муқоисаи теппа ва кӯҳ- **10 дақиқа.**

⇒ Супориш ба гурӯҳҳо:
- *Аз диаграммаи зер истифода бурда, фарқият ва умумияти теппа ва кӯҳро муайян кунед;*
- *Фикрҳоятонро дар диаграмма нависед;*
- *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*




***Қадами*** ***4.***Лаҳзаи дамгирӣ - **5 дақиқа.**

⇒ Интихобан ягон бозӣ гузаронида мешавад.

***Қадами 5.*** Мустаҳкамкунии дарс бо истифодаи тестҳо - **5 дақиқа.**

⇒ Барои мустаҳкамкунии дониши хонандагон аз тестҳои зер истифода бурда мешавад:

1. Теппа ва кӯҳ аз кадом қисмҳо иборатанд?
   А. Домана, нишебӣ, қулла
   Б. Соҳил, баландӣ, нӯг
   В. Қулла, водӣ, нишебӣ
   Г. Хок, сагреза, домана

(Ҷавоб: А)

2. Кадоме аз ин шаклҳои релеф бештар барои кишту кор истифода мешавад?

А. Теппа

Б. Ҷарӣ

В. Ҳамворӣ

Г. Кӯҳ

(Ҷавоб: В)

3. Ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро интихоб кунед.

**Бо кадом роҳҳо пайдоиши ҷариро пешгирӣ мекунанд?**

| | | |
|---|---|---|
| ҳа | не | Атрофи ҷариро шудгор мекунанд |
| ҳа | не | Дарахту буттаҳои атрофро мебуранд |
| ҳа | не | Дарғот месозанд |
| ҳа | не | Бутта ва дарахт мешинонанд |
| ҳа | не | Ҷараёни пайдошавии ҷариро пешгирӣ карда намешавад |

(Ҷавоб, аз боло ба поён: ҳа-1,3,4; не-2,5)

***Қадами 6.*** Гирифтани таасуроти хонандагон аз дарс - **5 дақиқа.**

⇒ Бо ин мақсад аз саволҳои зер истифода бурда мешавад:

- *Шумо аз дарси имрӯза кадом донишҳоро ба даст овардед?*
- *Кадом фаъолиятҳо ба шумо писанд омаданд?*
- *Чӣ ба шумо маъқул нашуд?*
- *Донишҳои гирифтаатонро дар куҷо истифода бурда метавонед?*

***Қадами 7.*** Хулоса ва ҷамъбасти дарс - **2 дақиқа.**

⇒ Масъалаҳои асосии мавзӯъ ба хонандагон хотиррасон карда шуда, дарс хулоса ва ҷамъбаст карда мешавад.

***Қадами8.*** Арзёбӣ - **2 дақиқа.**

⇒ Меҳнати хонандагон бо суханони руҳбаландкунанда қадр карда мешавад.

***Қадами9.*** Супориши вазифаи хонагӣ - **1 дақиқа.**

⇒ Супориш барои хона:

*– Матни китоби дарсиро хонед ва калимаҳои нофаҳморо дар дафтаратон нависед.*

*– Бо аҳли оилаатон оид ба мавзӯи имрӯза саволу ҷавоб кунед.*

## Тавсияҳо ба омӯзгорони фанни табиатшиносӣ

Давраи омӯзиши фанни табиатшиносӣ зинаи муҳимтарини шиносоӣ бо табиат ва ҳодисаю воқеаҳои он буда, ҷараёни минбаъдаи фан (дар синфҳои болоӣ) ба самаранокии ин давра вобаста аст. Бинобар ин, мақсаду вазифаҳои таълими табиатшиносӣ аз он иборат аст, ки дар бораи табиат аз рӯйи омӯзиши маводи табиӣ дониши зарурӣ диҳад, дар онҳо ҳисси табиатдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва ватандӯстиро тарбия намояд ва муносибати эҳтиёткоронаро нисбат ба табиат ва муҳити зист бедор кунад.

***Вазифаҳои асосии таълими табиатшиносӣ аз инҳо иборатанд:***

- истифодаи комёбиҳои илми табиатшиносӣ ва илмҳои ба он алоқаманд;
- мушоҳида, хулосабарорӣ ва таҳлили ҳодисаҳои табиати маҳал, кишвар ва муносибат бо он;
- тарбияи ҷаҳонбинии илмӣ, зебоипарастӣ, ахлоқӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҷисмонию ҳифзи саломатӣ;
- тавассути фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ бедор намудан ва инкишоф додани мушоҳидакорӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ, ҳосил намудани малакаю маҳорати таълимӣ ва ҳаётӣ;
- қавӣ гардондани алоқаи фанни табиатшиносӣ бо дигар фанҳо, аз қабили: забони модарӣ, математика, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ;
- пешниҳоди маводи муайян бо назардошти хусусиятҳои равонию ҷисмонии хонандагони синфи 3;
- омӯзиши ҳаматарафаи хусусиятҳои равонӣ (психологӣ)-и шогирдон;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои муттаҳидии хонандагон баҳри ба даст овардани мақсади ягона;
- бедор намудани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон тавассути бозиҳои таълимӣ ва технологияҳои гуногуни таълим;
- васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси маълумотҳои нави соҳаҳои ҷудогонаи илмҳои табиатшиносӣ;
- фаҳмондани қонун ва шаклҳои тараққиёти табиат дар асоси маълумотҳои аниқ;
- инкишоф додани қобилияти мушоҳидакорӣ ва хулосабарории хонандагон аз чизҳои дидаю шунида;

- истифодаи унсурҳои фанҳои дигар дар таълими табиатшиносӣ (расм, суруд, инкишофи нутқ, бозиҳои варзишӣ ва ғайра);
- диққати асосӣ додан ба тарбияи ҷаҳонбинии илмӣ, табиатдӯстӣ ва ватандӯстии хонандагон;
- тасвир намудани инсон ҳамчун дигаргунсозандаи табиат;
- дар хонандагон пайдо кунонидани шавқу хоҳиш нисбат ба муҳофизати табиат ва бойигариҳои он;
- дар хонандагон пайдо намудани малакаю маҳорати кор бо воситаҳои гуногуни аёнӣ (нақша, графика, расм, диаграмма ва ғайра).

## Ташаккули фаъолияти дарккунии хонандагон

Дар дидактикаи муосир ба ташаккули қобилияти фикрии хонандагон диққати аввалиндарача медиҳанд. Ташаккули қобилияти фикрӣ самти асосии таълим, аз ҷумла таълими фанни табиатшиносӣ мебошад.

Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои равонӣ, қобилиятҳои фардӣ, ки барои омӯзиши як қатор қонуниятҳои табиат замина мегузоранд, барои аз худ намудани асрори ниҳонӣ, хусусиятҳои биологӣ, тарзи ҳаёти рустанӣ ва ҳайвонот кӯмак мерасонанд. Сол ба сол зиёд шудани маълумот, ихтирооти нав ба нав доир ба муҳити атроф имкони фарогирии тамоми ин донишҳоро кам мегардонад. Аз ин рӯ, ба тарзи коркард ва дарёфти маълумоти зарурӣ диққати асосӣ дода мешавад.

## Гузориши савол ва маҳорати саволдиҳӣ

Гузориши савол яке аз омилҳои муҳими инкишофдиҳандаи қобилиятҳои фикрронӣ ва нутқи хонандагон мебошад. Равоншиносон (психологон) саволро ба чангаке ташбеҳ додаанд, ки бо он фикри хонандаро доштан мумкин аст. Тарзи пешниҳод намудани савол санъатест, ки ба маҳорати сафарбаркунандаи омӯзгор алоқаманд буда, хонандаро барои ҷавоб додан ҳавасманд мегардонад.

Ҳар як савол бояд ягон тарафи фикрронии хонандаро инкишоф диҳад. Аз замонҳои пеш педагогҳо ва равоншиносон кӯшидаанд, ки саволҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд. Истифодаи ҳар як намуди савол дар ҷараёни таълим, пеш аз ҳама, қобилияти фикрронии хонанда ва омӯзгорро инкишоф медиҳад.

Мувофиқи тақсимоти равоншиносон (психологон) саволҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

- ***саволҳои одӣ*** саволҳое мебошанд, ки аз шахс дониши хотиравӣ, асосан далелу рақамиро талаб мекунанд. Мисол, **Кай? Дар куҷо? Чӣ қадар? Кадом?** ва ғайра. Дар **деҳаи шумо кадом парандаҳо зиндагӣ мекунанд? Баландии қуллаи Исмоили Сомонӣ чӣ қадар аст?**
- ***саволҳои аниқкунанда*** **-** ин саволҳо аз он сабаб заруранд, ки дар хонандагон маҳорати баёни фикр инкишоф меёбад. Мисол, ба хонандагон бо чунин саволҳо мурочиат кардан мумкин аст: **«Чи хеле ки ман фаҳмидам,..», «Ман чунин фаҳмидам, шумо мегӯед, ки...»** ва монанди инҳо. Бо ин гуна саволҳо мо гӯё ба хонанда гуфтанием: «**Ба назарам, ман шуморо фаҳмидам... Мумкин аст гӯям, ки ман чӣ хел фаҳмидам, шумо аниқ кунед».**
- ***саволҳои шарҳу эзоҳталаб*** – омӯзгор хонандагонро ба шарҳдиҳӣ водор карда, дар онҳо малакаҳои фаҳмидани сабабҳои ин ё он ақида, ҳодиса ва воқеаро инкишоф медиҳад. Истифодаи саволҳои шарҳу эзоҳталабро аз синфҳои 5-6 сар кардан бамаврид аст. Вале унсурҳои алоҳидаи онро аз синфи 4 оғоз намудан мумкин. Мисол, **«Агар шумо паранда мебудед, барои зимистонгузаронӣ ба куҷо мерафтед?»**
- ***саволҳои арзёбикунанда (баҳодиҳанда)*** – ин саволҳо тарафҳои фикрронии ҳиссиётии хонандагонро инкишоф медиҳанд. Мисол, **«Ин ҳикоя ба шумо чӣ гуна таассурот бахшид?», «Ҳангоми ҳал кардани ин масъала шумо чиро эҳсос кардед?», «Тамошои ин манзара дар шумо чӣ гуна ҳиссиётро пайдо кард?»**
- ***саволҳои эҷодӣ*** саволҳое мебошанд, ки ба инкишофи фикри эҷодкорона равона шудаанд. Эҷодкорӣ ин анбори махсуси ақл аст. Мисол, **«Агар баҳру укёнусҳо нест шаванд, дар рӯйи замин кадом ҳодисаҳо ба амал меоянд?», «Агар гармии Офтоб тамом шавад, табиати замин ба кадом дигаргуниҳо дучор мегардад?»** ва ғайра.
- ***саволҳои амалӣ*** – ин саволҳо аз хонандагон иҷрои ягон амалро талаб мекунанд. Бисёр хуб мешавад, агар мо саволҳои амалиро бо чунин тарз – «**Чӣ гуна мо метавонем....**» ё **«Аз маводи ..... истифода карда, ин масъаларо чӣ гуна ҳал намудан мумкин аст?**» оғоз кунем.

Вобаста ба мавзӯъ ва мақсади омӯзиш омӯзгор метавонад дар давоми як дарс аз ин саволҳо истифода кунад.

## V. АДАБИЁТ


1. Барномаи синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, «Матбуот», 2002.
2. Глобальное исследование здоровья школьников. ЮНИСЕФ, 2007.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Нашриёти Ганҷ», 2016.
4. К. Ингенкамп. Педагогическая диагностика. Москва, «Педагогика», 1991.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2013.
6. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 2001.
7. Л. Колесников, В. Турченко, Л. Борисова. Эффективность образования. Москва «Педагогика», 1991.
8. Л. Ф. Мелчаков, М. Н. Скаткин. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984.
   Мирзоматов Н. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. // «Адаб», 2004.
9. Миронов А. В. Концепции современного естествознания. Москва, «Пресс», 2003.
10. М. В. Матюхина. Мотивация учения младших школьников. Москва «Педагогика», 1984.
11. М. Ҳоҷиматов, Б. Каримов. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
12. Н. Қодиров, И. Абдуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.
13. Н. Калиничев, Г. Носова. Природоведение 5 класс. Москва «Олма пресс» - 2001.
14. О. Т. Поголазова, В. Д. Шилин. Окружающий мир. Учебник для 4 класса, ч. 1, 2 Смоленск: изд-во «Ассосиация XXI век», 2005.
15. Программа. «Философские проблемы естествознания». Москва. «Педагогика», 1981.
16. Р. Довудов, И. Абдуллоев. Рӯзнома оид ба мушоҳидаи табиат (маводи таълимӣ). Душанбе, «Маориф», 1986.
17. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012.
18. Содиқ Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе, «Маориф», 1987.
19. Сафин Д., Мусина Р., Қурбонов Ш., Қодиров Н. ва дигарон. Маргарет Доналдсон. Мыслительная деятельность детей. Москва, «Педагогика», 1985.
20. Талызина Н. Ф. Формирование познавательной деятельности младших школьников. М., 1988.
21. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимию методӣ. Душанбе, 2006.
22. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини такмили давлат ва наҷоти миллат. Душанбе, 2006.

# Барномаи таълими фанни
# ТАБИАТШИНОСӢ
(оламӣ атрофи мо)

**дар синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

Муҳаррир: **Фаридуни Умарбек**

Тарроҳ: **Улуғбек Очилов**

Ба чопхона 10.05.2017 супорида шуд.
Ба чоп 15.05.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16.Ҷузъи чопии шартӣ 1,5
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13а
Тел.: 227-48-09. E-mail: **mmarkaz@list.ru**